# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи: «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.** (ш. Душанбе, 2026 сол)

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи: «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Роҳзанӣ яке аз шаклҳои хавфноктарини таҷовуз ба моликият ба ҳисоб меравад, зеро он ҳамзамон ба ду объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ: моликият ва шахсият таҷовуз менамояд. Ҳангоми содир гардидани роҳзанӣ дар бисёр ҳолатҳо ба саломатии ҷабрдида зарари вазнин расонида мешавад ва дар як қатор ҳолатҳо ин ҷиноят бо куштори ҷабрдида анҷом меёбад.

Қисми назарраси роҳзаниҳо бо истифодаи силоҳ ё предметҳое, ки ба сифати силоҳ истифода мешаванд, содир гардида, аксар вақт бо ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил, бино ё дигар анборхонаҳо, инчунин бо иштироки гурӯҳии шахсон алоқаманд мебошанд. Ҳамаи ин омилҳо сатҳи баланди хавфнокии ҷамъиятии роҳзаниро муайян намуда, онро ба яке аз ҷиноятҳои вазнини зӯроварона табдил медиҳанд.

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки муқаррароти қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарӣ барои роҳзанӣ аз як қатор камбудиҳои ҳуқуқӣ ва номуайяниҳо холӣ нестанд. Ин норасоиҳо ҳам фаҳмиши мазмуни меъёри м.249 КҶ ҶТ-ро душвор мегардонанд ва ҳам татбиқи дурусти онро дар амалия халалдор менамоянд. Аз ҷумла, дар меъёрҳои қонунгузорӣ на ҳамеша аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби асосии роҳзанӣ ба таври комил инъикос ёфта, мазмуни аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда ба таври возеҳ ошкор карда нашудааст.

Ин вазъият боиси ба миён омадани мушкилоти сершумор дар бандубасти ҳуқуқии тасарруфи зӯроваронаи молу мулки ғайр мегардад.

Дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ, дар баъзе ҳолатҳо, чунин мафҳумҳо, ба монанди предмети роҳзанӣ, усул ва мақсади он, мафҳуми силоҳ, инчунин ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил, бино ё дигар анборхона, ба таври гуногун тафсир мешаванд. Дар натиҷа, қарорҳои ҳуқуқии нодуруст қабул гардида, принсипҳои қонуният ва адолат халалдор мегарданд.

Ҳамаи ин ҳолатҳо зарурати таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаи масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ, дақиқсозии аломатҳои таркибии он ва таҳияи меъёрҳои илмӣ, асоснокии бандубасти дурусти ин ҷиноятро тақозо менамоянд, ки мубрамияти воқеии мавзуи диссертатсионии пешниҳодшударо таъкид менамоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дараҷаи навгонии натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом бо он муайян мегардад, ки таҳқиқ ба омӯзиши ҳамаҷониба ва системавии масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ ва бандубасти он равона шуда, як қатор муқаррароти нави назариявӣ ва амалии дорои аҳаммияти илмӣ пешниҳод намудааст. Муаллиф роҳзаниро ҳамчун ҷинояти бисёробъектӣ таҳлил намуда, хусусияти ҳамзамон таҷовуз кардани он ба муносибатҳои моликиятӣ ва амнияти шахсиятро аз ҷиҳати илмӣ асоснок мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар дақиқсозии мафҳум ва аломатҳои таркибии ҷинояти роҳзанӣ ифода меёбад. Дар диссертатсия бо такя ба таҳлили муфассали қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалияи судию тафтишотӣ ва мавқеъҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аломатҳои объективӣ ва субъективии роҳзанӣ аз нав арзёбӣ ва мушаххас гардонида шудаанд. Муаллиф мавқеи илмии худро оид ба лаҳзаи анҷомёбии роҳзанӣ, нақши мафҳумҳои «ҳуҷум» ва «зӯроварӣ», инчунин аҳаммияти мақсад ва ангеза дар бандубасти ҷиноят бо далелҳои назариявӣ ва амалии муътамад асоснок намудааст.

Навоварии таҳқиқ ҳамчунин дар таҳияи меъёрҳои дақиқи фарқгузории роҳзанӣ аз ҷиноятҳои ҳаммазмун, аз ҷумла ғоратгарӣ, дуздӣ ва дигар шаклҳои тасарруфи зӯроваронаи молу мулки ғайр, ифода меёбад. Дар диссертатсия нишон дода мешавад, ки номуайянии чунин меъёрҳо дар амалия боиси хатогиҳои ҷиддӣ дар бандубасти ҳуқуқӣ мегардад ва пешниҳодҳои илмии муаллиф ба рафъи ин камбудиҳо равона шудаанд.

Дар кори мазкур бори аввал дар доираи илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ таҳлили мукаммали аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи таркиби роҳзанӣ анҷом дода шуда, имконияти такмили муқаррароти дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз

таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ илмӣ асоснок карда шудааст. Ин пешниҳодҳо дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, метавонанд барои баланд бардоштани дақиқии ҳуқуқӣ ва ягонагии амалияи судӣ хизмат намоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо дараҷаи баланди асоснокӣ ва эътимоднокӣ фарқ мекунанд. Онҳо бар пояи таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши муфассали таҷрибаи судию тафтишотӣ, истифодаи маълумоти оморӣ ва таҳлили адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ таҳия гардидаанд, ки ин заминаи устувори назариявию эмпирикиро барои хулосаҳои пешниҳодшуда таъмин менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф маҷмӯи усулҳои илмии санҷидашуда, аз ҷумла методҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомнокӣ ва таҳлили мантиқию омориро пайдарҳам ва мақсаднок истифода намудааст. Истифодаи чунин равиши методологӣ имкон додааст, ки масъалаҳои баҳсталаби танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ ва бандубасти он аз нуқтаи назари назариявӣ ва амалӣ баррасӣ гардида, робитаи мантиқии байни муқаррароти илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ таъмин гардад.

Эътимоднокии хулосаҳо бо он тақвият меёбад, ки ҳар як муқаррароти илмӣ ва тавсияи пешниҳодшуда бо далелҳои ҳуқуқӣ, таҳлили меъёрҳои амалкунанда ва мисолҳои мушаххаси амалияи судӣ асоснок карда шудааст. Тавсияҳои муаллиф оид ба дақиқсозии аломатҳои таркибии роҳзанӣ, фарқгузории он аз ҷиноятҳои ҳаммазмун ва такмили меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ хусусияти мантиқӣ ва амалӣ дошта, имконияти татбиқи онҳоро дар амалия таъмин менамоянд.

Дар маҷмӯъ, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо талаботи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва принсипҳои қонуният мутобиқат дошта, татбиқи онҳо метавонад ба баланд бардоштани сифати қонунгузории ҷиноятӣ, таъмини ягонагии амалияи судию тафтишотӣ ва самаранокии мубориза бо ҷинояти роҳзанӣ мусоидат намояд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 224 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима муҳим будани интихоби мавзуи таҳқиқ бо далелҳои илмӣ асоснок гардида, мушкилоти асосии назариявӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои роҳзанӣ муқаррар месозанд, ба таври муфассал баррасӣ ва таҳлил карда шудаанд. Мавҷудияти чунин мушкилот, аз ҷумла баҳснок будани баъзе мафҳумҳо ва номуайянии меъёрҳои бандубасти ҷиноят, зарурати омӯзиши амиқ ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуи мазкурро ба вуҷуд меорад, ки аҳаммияти илмӣ ва амалии онро таъкид менамояд.

Ғайр аз ин, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот, объект ва предмети омӯзиш, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, навгонии илмӣ, инчунин аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада ба таври муфассал ва мантиқӣ баён гардидаанд.

**Боби якум «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии он»** ба таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ дар заминаи таърихӣ ва муқоисавӣ бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф ин ҷиноятро ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ баррасӣ намуда, таҳаввули танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзаниро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои гуногуни инкишофи низоми ҳуқуқӣ таҳлил менамояд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба тағйирёбии мазмун ва сохтори меъёрҳои ҷиноятӣ, ҷойгоҳ ва нақши роҳзанӣ дар низоми ҷиноятҳои ба муқобили моликият равона гардидааст.

Муаллиф дар доираи баррасии боби мазкур таърихи инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзаниро ба чор давраи асосӣ ҷудо менамояд: давраи якум (1917–1922), давраи дуюм (1922–1935), давраи сеюм (1935–1961) ва давраи чорум (1961–1998) (саҳ. 35). Дар асоси чунин даврабандӣ хусусиятҳои танзими ҷавобгарӣ барои ин ҷиноят дар ҳар як марҳила ба таври ҷудогона муайян ва таҳлил гардида, тағйирёбии мазмун ва сохтори меъёрҳои ҳуқуқӣ дар вобастагӣ ба давраҳои таърихӣ нишон дода шудааст.

Ҳамзамон, дар боб таҷрибаи танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ дар қонунгузории як қатор давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи муносибати қонунгузор ба ин ҷиноят дар низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Муаллиф нишон медиҳад, ки роҳзанӣ дар қонунгузории бисёре аз давлатҳо ҳамчун ҷинояти мустақили зӯроварона ё дар доираи шаклҳои махсуси тасарруфи molу мулк бо истифодаи зӯроварӣ танзим мегардад, ки ин ба гуногуншаклии роҳҳои ҳалли қонунгузорӣ ишора мекунад.

Таҳлили муқоисавӣ ба муаллиф имкон додааст, ки афзалиятҳо ва

камбудиҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ дар қонунгузории миллӣ ошкор гардида, замина барои такмили минбаъдаи меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи ҷиноятӣ фароҳам оварда шавад. Аз ҷумла, муаллиф ба таври асоснок пешниҳод менамояд, ки оғоз намудани боби ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз таркиби роҳзанӣ аз ҷиҳати системавӣ асосноктар ба ҳисоб меравад, зеро чунин равиш ба принсипи ҷойгир намудани таркиби ҷиноятҳо дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онҳо бештар мувофиқ мебошад.

Илова бар ин, бо такя ба таҷрибаи қонунгузории давлатҳои дигари пасошуравӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, Украина ва Ҷумҳурии Қазоқистон, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба сифати аломати вазнинкунандаи роҳзанӣ на танҳо истифодаи силоҳ, балки ҳамчунин истифодаи предметҳои дигаре, ки ба сифати силоҳ истифода мешаванд, низ дар банди «в» қисми 4 моддаи 249 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад. Ба андешаи муаллиф, чунин такмил ба дақиқсозии меъёр ва таъмини фарқгузории дурусти ҷавобгарии ҷиноятӣ мусоидат хоҳад намуд (саҳ. 51).

**Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии таркиби ҷинояти роҳзанӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлили муфассал ва системавии унсурҳои таркибии ҷинояти роҳзанӣ тибқи қонунгузории амалкунанда бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф мазмун ва хусусиятҳои объект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ ва субъекти ҷиноятро бо такя ба меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ таҳлил менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи муайян намудани ҷойгоҳи роҳзанӣ дар низоми шаклҳои тасарруфи молу мулки ғайр то ҳол хусусияти баҳснок дорад (саҳ. 53). Муаллиф бо таҳлили мавқеъҳои гуногуни олимон ва муқоисаи равишҳои назариявӣ ба хулосаи илмӣ асоснок меояд, ки ҷойгир намудани таркиби роҳзанӣ дар гурӯҳи ҷиноятҳои ба муқобили моликият аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок мебошад. Ин мавқеъ бо он далел асоснок карда мешавад, ки гунаҳгор ҳангоми содир намудани роҳзанӣ, пеш аз ҳама, мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайрро пайгирӣ менамояд, дар ҳоле ки зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он танҳо воситаи расидан ба ин мақсад маҳсуб меёбад (саҳ. 78).

Дар доираи боби мазкур, инчунин аломатҳои тарафи объективии роҳзанӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф баён медорад, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар чунин аломати роҳзанӣ ба монанди "ҳуҷум" боиси баҳсу мунозираҳо қарор гирифта, мазмун ва моҳияти он ба

таври гуногун маънидод карда мешавад (саҳ. 79).

Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои олимон ва таҷрибаи судӣ муаллиф андешаеро тарафдорӣ менамояд, ки «мафҳуми «ҳуҷум» аз мафҳуми роҳзанӣ хориҷ карда шуда дар диспозитсияи м.249 КҶ ҶТ танҳо нишондод ба истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нигоҳ дошта шавад» (саҳ.90).

Дар доираи ин боб масъалаҳои истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок, таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ, инчунин лаҳзаи анҷомёбии ҷинояти роҳзанӣ ба таври ҳамаҷониба таҳлил гардида, дар асоси омӯзиши қонунгузории амалкунанда, мавқеъҳои илмӣ ва амалияи судию тафтишотӣ хулосаҳои илмӣ асоснок бароварда шудаанд.

Дар идомаи боб, ҳангоми таҳлили тарафи субъективии роҳзанӣ, муаллиф нишон медиҳад, ки ин ҷиноят танҳо бо қасди бевосита содир мегардад (саҳ. 104).

Дар ҷинояти роҳзанӣ гунаҳгор ҳамзамон қасд дорад зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокро истифода намояд ва бо роҳи чунин зӯроварӣ моликияти шахси дигарро тасарруф кунад. Маҳз дар ҳамин қасди дуҷониба, ки ба содир намудани ҳам кирдори ҷиноятӣ ба муқобили шахсият ва ҳам ҷиноят ба муқобили моликият равона шудааст, хусусияти тарафи субъективии роҳзанӣ (бо дарназардошти шакли гуноҳ) ифода меёбад. Ҳамзамон, чунин қасди дуҷониба мавҷудияти ду шакли гуноҳро ифода намекунад, зеро ҳамаи унсурҳои мазкур аз ҷониби шахс бо қасди бевосита содир карда мешаванд (саҳ. 106).

Дар қисми ниҳоии боб масъалаҳои марбут ба субъекти ҷинояти роҳзанӣ таҳлил гардида, хусусиятҳои синнусолӣ ва мукаллафӣ баррасӣ карда мешаванд. Масъалаи синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ дар таҳқиқ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки қобилияти шахс барои дарк намудани аҳаммият ва моҳияти воқеии кирдори худ бо расидан ба сатҳи муайяни камолоти иҷтимоӣ ташаккул ёфта, чунин қобилият бевосита бо расидан ба синну соли муайян алоқаманд мебошад (саҳ. 120).

Бо такя ба ин асос, муаллиф муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ аз синни чордаҳсолагӣ-ро ҷонибдорӣ намуда, мавқеи худро бо далелҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ асоснок месозад. Аз ҷумла, таъкид мегардад, ки шахс аз хурдсолӣ меомӯзад, ки бидуни иҷозат молу мулки дигаронро тасарруф накунад ва ба саломатии шахси дигар зарар нарасонад. Ба андешаи муаллиф, маҳз аз ҳамин ҷиҳат роҳзанӣ ба гурӯҳи кирдорҳои ба осонӣ даркшаванда мансуб буда, қонунгузор асоснокона

барои он синни пасттари ҷавобгарии ҷиноятӣ, яъне аз чордаҳсолагӣ муқаррар намудааст.

**Боби сеюми диссертатсия – «Бандубасти роҳзанӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалияи тафтишотӣ ва судӣ»** ба таҳлили муфассали мушкилоти бандубасти ҳуқуқии роҳзанӣ дар сатҳи назария ва амалия бахшида шудааст. Дар боб аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи таркиби роҳзанӣ, инчунин масъалаҳои фарқгузории он аз ҷиноятҳои ҳаммонанд ҳамаҷониба баррасӣ мегарданд.

Муаллиф аломатҳои вазнинкунандаро ҳамчун воситаи фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ таҳлил намуда, ба мушкилоти татбиқи аломати такроран содир намудани роҳзанӣ, содир кардан аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, инчунин воридшавии ғайриқонунӣ ба манзил, бино ё дигар анборхонаҳо таваҷҷуҳи хос медиҳад. Дар асоси таҳлили қонунгузорӣ, амалияи судӣ ва мавқеъҳои илмӣ, пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили меъёрҳои дахлдори қонунгузории ҷиноятӣ ироа мегарданд.

Қисми махсуси боб ба таҳлили аломатҳои махсусан вазнинкунандаи роҳзанӣ бахшида шуда, ҳолатҳое чун тасарруфи молу мулк ба миқдори калон ё махсусан калон, содир кардан аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, истифодаи шароити офати табиӣ ё ҷамъиятӣ, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, инчунин ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф асоснок менамояд, ки баъзе аз ин аломатҳо дар қонунгузории амалкунанда номуайян ё баҳсталаб буда, метавонанд боиси ихтилоф дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ гарданд.

Дар бахши фарқгузорӣ муаллиф масъалаҳои ҷудо намудани роҳзаниро аз тамаъҷӯӣ, ғоратгарӣ, бандитизм, ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт, инчунин аз роҳзании обӣ таҳлил намуда, меъёрҳои асосии фарқкунандаи ҳуқуқӣ-ҷиноятиро нишон медиҳад. Таъкид мегардад, ки фарқгузории дурусти роҳзанӣ аз ҷиноятҳои ҳаммонанд, пеш аз ҳама, ба самти қасд, лаҳзаи анҷомёбии ҷиноят ва таъиноти истифодаи зӯроварӣ вобаста мебошад (саҳ.190).

Дар маҷмуъ, боби сеюм дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ буда, ба ташаккули равиши ягонаи бандубасти ҳуқуқии роҳзанӣ, такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани сифати амалияи тафтишотӣ ва судӣ мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Абдусаломзод Некруз Абдусалом аҳаммияти назариявию амалӣ дошта, барои такмили асосҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи меъёрҳои он дар самти муқовимат бо

ҷинояти роҳзанӣ дорои арзиши воқеӣ мебошанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда имконият медиҳанд, ки масъалаҳои муҳими танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ аз мавқеи нав арзёбӣ гарданд.

Арзиши илмии диссертатсия дар таҳияи равиши муназзам ба омӯзиши роҳзанӣ ҳамчун ҷинояти зӯроварона ифода меёбад. Муаллиф бо таҳлили амиқи мафҳум, таркиб ва хусусиятҳои ин ҷиноят, як қатор масъалаҳои баҳсталаби назариявиро равшан намуда, муносибати қонунгузор ва амалияи судиро ба роҳзанӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок мекунад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои рушди минбаъдаи тадқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология заминаи назариявӣ фароҳам оваранд.

Аҳаммияти амалӣ натиҷаҳои таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо метавонанд ҳангоми фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ дар раванди бандубасти ҷиноятҳои вобаста ба тасарруфи зӯроваронаи молу мулки ғайр истифода шаванд. Пешниҳодҳои муаллиф ба дақиқсозии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, кам намудани ихтилоф дар амалияи судӣ ва баланд бардоштани сифати қарорҳои мурофиавӣ мусоидат менамоянд. Илова бар ин, маводи диссертатсия метавонад дар раванди таълим, аз ҷумла ҳангоми тайёр намудани мутахассисони соҳаи ҳуқуқ ва таҳияи маводи таълимӣ-методӣ истифода шавад.

Ҷанбаи иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқ дар таъсири онҳо ба ҳифзи моликият ва коҳиш додани зарари моддӣ аз ҷиноятҳои зӯроварона ифода меёбад. Татбиқи дурусти меъёрҳои ҷавобгарӣ барои роҳзанӣ метавонад ба пешгирии чунин кирдорҳо, кам гардидани хароҷоти давлатӣ барои тафтиш ва бартарафсозии оқибатҳои ҷиноятколрӣ, инчунин беҳтар шудани муҳити иқтисодии ҷомеа мусоидат намояд.

Аҳаммияти иҷтимоӣ натиҷаҳои диссертатсия дар таҳкими қонуният, таъмини адолати иҷтимоӣ ва баланд бардоштани эътимоди ҷомеа ба низоми адлияи ҷиноятӣ зоҳир мегардад. Бандубасти дурусти роҳзанӣ ва татбиқи одилонаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳифзи амнияти шахсӣ, ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон мусоидат намуда, барои паст шудани сатҳи изтироб ва ноамнӣ дар ҷомеа замина фароҳам меорад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти комплексӣ буда, метавонанд дар такмили қонунгузории ҷиноятӣ, рушди амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва таҳкими сиёсати ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ҷиноятҳои зӯроварона, аз ҷумла роҳзанӣ, мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 10 мақолаи илмӣ, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд. Рисола аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия гардида, дорои мазмун, пайдарҳамии мантиқӣ ва ягонагии дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии натиҷаҳои бадастомада, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, инчунин пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалие, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд, бо мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мегарданд. Илова бар ин, тарзи баёни мавод, интихоби масъалаҳои таҳқиқ, равиши таҳлил ва услуби илмии навишт шаҳодат медиҳанд, ки ҳамаи хулосаҳо ва натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда маҳсули фаъолияти мустақили таҳқиқотии муаллиф мебошанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои умуман мусбате, ки дар тақриз нисбат ба рисола баён гардидааст, дар таҳқиқ баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, ҳолатҳои баҳсталаб, инчунин иштибоҳоти имлоӣ-грамматикӣ ба назар мерасанд. Дар ин замина, метавон як қатор ҳолатҳои мушаххасро ҷудо намуд, ки диққат додан ба онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад, аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия робитаи хулосаҳои назариявӣ бо ҷанбаҳои пешгирикунандаи ҷиноят ба таври мустақил ҷудо карда нашудааст, гарчанде натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд барои такмили чораҳои пешгирии роҳзанӣ низ истифода шаванд.

2. Муаллиф дар пешниҳоди чаҳорум ба сифати аломати вазнинкунандаи роҳзанӣ пешбинӣ намудани на танҳо истифодаи силоҳ,

балки ҳамчунин истифодаи предметҳои дигаре, ки ба сифати силоҳ истифода мешаванд, дар банди «в» қисми 4 моддаи 249 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намудааст. Бо вуҷуди мантиқӣ ба назар расидани чунин пешниҳод, асоснокии он аз нуқтаи назари принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок ба назар мерасад.

Ба андешаи мо, дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии истифодаи силоҳ ва истифодаи предметҳои дигар, ки ба сифати силоҳ истифода мешаванд, аз ҳамдигар ба таври ҷиддӣ фарқ мекунанд. Истифодаи силоҳ, махсусан силоҳи оташфишон ё сард, дар худ хатари фаврӣ ва баланди расонидани зарари вазнин ё маргро дар бар мегирад, дар ҳоле ки предметҳои маишӣ ё тасодуфан ба сифати силоҳ истифодашаванда чунин дараҷаи хавфнокии устуворро на ҳамеша доро мебошанд.

Бинобар ин, баробар кардани истифодаи силоҳ ва дигар предметҳо дар як сатҳ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда метавонад боиси аз байн рафтани фарқгузории зарурии дараҷаи хавфнокии кирдор гардад ва дар натиҷа ба риоя нашудани принсипи адолат ва фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ оварда расонад.

3. Ҳангоми муайян намудани сохти таркиби ҷинояти роҳзанӣ, муаллиф дар матни диссертатсия ба таври пайдарҳам ва асосан бо истинод ба андешаҳои олимони гуногун иқтибосҳо меорад (саҳ. 100–102), ки дар онҳо мавқеъҳои гуногун ва баъзан мухолиф нисбат ба масъалаи лаҳзаи анҷомёбии роҳзанӣ иброз гардидаанд. Бо вуҷуди фарогир будани баррасии назариявӣ, дар ин қисмат мавқеи шахсии муаллиф ба таври равшан ва мушаххас ифода нашудааст.

Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф дар баробари таҳлили мавқеъҳои гуногуни илмӣ, хулосаи шахсии худро бо асоснокии назариявӣ ва ҳуқуқӣ баён намуда, мавқеъи интихобкардаи худро дар масъалаи лаҳзаи хотимаёбии роҳзанӣ равшан нишон медод. Ин ҳолат метавонист пайдарҳамии мантиқӣ ва дараҷаи асоснокии таҳлилро дар ин қисмати рисола боз ҳам тақвият бахшад.

Бо вуҷуди эродҳо ва камбудиҳои дар боло зикршуда, онҳо дар маҷмӯъ ба арзиши илмӣ, назариявӣ ва амалии рисола таъсири манфии ҷиддӣ намерасонанд, сатҳи умумии таҳқиқи анҷомдодашударо коҳиш надода, аҳаммияти натиҷаҳои бадастомадаро кам намегардонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи: «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он»,, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои

ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва
психологияи факултети №2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳёзода Ш.Т.

Суроға: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, кӯчаи Сурхоб, х. 420.
Тел.: (+992) 93 546 34 13, E-mail: aheev89@mail.ru

Имзои Аҳёзода Ш.Т.-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Саидзода А.Р.

**Суроғаи муқарриз:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи ВКД, 734024 ш. Душанбе, кучаи М. Мастонгулов, 3, Тел. кори: (+992/237) 226-60-42. E-mail: k.lila-73@mail.ru E-mail: tam300986@mail.ru http://www.avkd.tj

«15» 01 2026 сол